**ҚАРОРИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди**
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

16 октябри соли 2025 №35/КТ ш.Душанбе

**оид ба таъин намудани комиссияи экспертӣ барои диссертатсияи Одиназода Аслам Мадгиё дар мавзуи "Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат.**

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон мутобиқи банди 58-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) қарор мекунад:

1. Диссертатсияи Одиназода Аслам Мадгиё дар мавзуи "Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат барои ҳимояи такрорӣ қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:
   -доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Дустбоев Ш.;
   -доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Аминов И.
   -номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсент Ҷурахонзода С.Ҷ.
3. Тибқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ комиссияи экспертӣ вазифадор карда шавад, ки дар муддати 25 рӯз ба Шурои диссертатсионӣ хулосаи хаттии комиссияро дар бораи мутобиқати мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯйи он ба Шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсия иҷозат дода шудааст, мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси пешниҳодшуда, ба самтҳои афзалиятноки илм дар ҷумҳурӣ, оид ба мукаммалии дарҷи маводи диссертатсионӣ дар асарҳои чопшудаи довталаб, дар бораи иҷрои талабот нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва вобаста ба масъалаи қабул кардан ё накардани диссертатсия ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳод намоянд.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
д.и.и., и.в. профессор Қодирова З.Ҳ.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
н.и.и., дотсент Машокиров Ҷ.Н.